*ТДУ 377.6*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-129-233*

# *ОИД БА АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЙЁРИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКТАБҲОИ МИЁНА БА ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ*

***Ризоев Эҳсонхон Саидович,*** *номзади илмҳои педагогика, дотсенти кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *О МЕТОДИЧЕСКИХ ОСНОВАХ ГОТОВНОСТИ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЫ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ ОБРАЗОВАНИЮ*

***Ризоев Эхсонхон Саидович,*** *кандидат педагогических наук, доцент кафедры алгебры и геометрии ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *ON THE METHODOLOGICAL BASIS FOR PREPARING SECONDARY SCHOOL GRADUATES FOR PROFESSIONAL EDUCATION*

***Rizoev Ehsonkhon Saidovich,*** *candidate of pedagogical sciences, associate professor of algebra and geometry department of SEI "KSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E–mail:*** *ehsonhon.rizoev@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: тайёрӣ, интихоби касб, таҳсилоти касбӣ, озмоиш, дониш, малака, касбият, худбаҳодиҳӣ*

*Дар мақола муаллиф оид ба тайёрии хатмкунандагони мактабҳои миёна барои гирифтани таҳсилоти касбӣ ибрози андеша намудааст. Муаллиф ба ақидаи он аст, ки хатмкунандагони мактабҳои миёна дар масъалаи интихоби касб, бошуурона қабул кардани қарор оид ба касбинтихобкунӣ, дарки мазмуни таҳсилоти касбӣ ва самти амалии он на ҳамеша андешаҳои дуруст доранд. Дар ин самти ташаккули тасаввуроти хатмкунандагон оид ба таҳсилоти касбӣ муҳим арзёбӣ гардида, нақши муассисаҳои таълимӣ низ калон аст.*

***Ключевые слова:*** *подготовка, выбор профессии, профессиональное образование, тестирование, знания, навыки, профессионализм, самооценка*

*В статье автор выражает свое мнение о подготовке выпускников средней школы к получению профессионального образования. Данная тема является актуальной и важной, поскольку выбор профессии и последующее получение профессионального образования определяют дальнейшую карьеру и жизненный успех человека. В исследуемой работе рассматривается проблема подготовки выпускников средней школы к профессиональному образованию на базе методических основ, включающих тестирование знаний и навыков, а также оценку своих профессиональных возможностей.*

***Key words:*** *preparation, career choice, professional education, testing, knowledge, skills, professionalism, self-assessment*

*In this article the author expresses his opinion about the preparation of high school graduates for vocational education. This topic is topical and important because the choice of profession and subsequent professional education determine the further career and success in life of a person. The study deals with the problem of preparing secondary school graduates for vocational education on the basis of a methodological framework that includes testing of knowledge and skills, as well as assessment of their professional capabilities.*

Яке аз хусусиятҳои муҳими низоми маориф дар замони муосир такмили пайвастаи он мебошад. Тағйирот дар низоми маориф, ки бо тезонидани пешрафти илмию техникӣ, пайдоиши «ҷомеаи иттилоотӣ» алоқаманд мебошанд, талаботи навро нисбат ба таҳсилоти муосир ба миён мегузорад. Ба ташаккули хусусиятҳои худбаҳодиҳӣ, рушди худшиносӣ, худтаҳлилкунии шахсият таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Бо назардошти ин зарурат масъалаи ривоҷ додани таҳсилоти касбӣ муҳим аст.

Замони муосир аз хатмкунандаи мактаби миёна чунин талабот дорад:

- сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва касбӣ;
- мавҷудияти хусусиятҳои муҳими касбӣ ва шахсӣ;
- қобилияти зуд азхуд кардани дониш ва малака [2].

Ҳадафи ниҳоии таҳсилоти касбии ба амалия нигаронидашуда омода намудани мутахассиси баландихтисос, ки ба ҳалли вазифаҳои амалӣ ва иҷрои вазифаҳои касбӣ омода мебошад, маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти талаботи бозори меҳнати замони муосир таҳсилоти касбӣ бояд ба сатҳи нави сифатии омаданамоии хатмкунандагон, яъне ташаккули ҳам дониш ва ҳам

малакаҳои амалӣ равона карда шавад. Таҷрибаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагон дар солҳои охир нишон медиҳад, ки корфармоён ба кадрҳое таваҷҷӯҳ доранд, ки дар баробари таҳсилот, инчунин таҷрибаи касбӣ дошта бошанд.

Дар айни замон нақши худмуайянкунии касбӣ байни хатмкунандагони мактабҳои миёна афзудааст. Ва ин худмуайянкунӣ ҳар қадар саҳеҳтар бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти дарёфти коршиноси босифат дар ҷамъият зиёд мешавад. Аммо аксар вақт масъалаи интихоби касби оянда аз омилҳои тасодуфӣ ба миён меояд. Дар натиҷа саволе ба миён меояд, ки хатмкардаи мактаби миёна бо интихоби касб то чӣ андоза моҳияти аслии онро дарк менамояд, аз татбиқи амалии он дар фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ огоҳ аст, то чӣ андоза ӯ ба омӯзиши касбӣ омода аст?

Барои ба даст овардани маълумот оид ба ин муаммо, ки мавриди таваҷҷӯҳи мо гардид, озмоиш байни хатмкунандагони мактаби миёна гузаронида шуд. Тадқиқот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи шаҳр гузаронида шуд. Дар пурсиш 98 нафар хонандагони синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии рақамҳои 26 ва 28-и шаҳри Хуҷанд иштирок намуданд. Ҳадафи ин назарсанҷӣ муайян кардани омодагии хатмкунандагони мактаб барои омӯзиши касбӣ буд.

Саволи аввал воқеан як саволи муқаддимавӣ буд, ки мусоҳибро барои пурсиш омода кард ва нияти хонандагонро барои идомаи таҳсил пас аз хатми мактаб нишон дод, ки натиҷаҳои он дар расми 1 оварда шудааст.




***Расми 1.Натиҷаи назарсанҷии хонандагон доир ба идомаи таҳсил баъд аз хатм***

Дар асоси натиҷаҳои аз ҷавобҳо гирифташуда қайд мекунем, ки 73,3 фисади хонандагон нияти таҳсил карданро доранд. Танҳо 4,7 фисади пурсидашудагон мутмаинанд, ки таҳсилро идома намедиҳанд. 14,4 фисад аз пурсидашудагон ҳоло дар барои таҳсили оянда фикр накардаанд. Муайян шуд, ки 8,1 фисади пурсидашудагон духтарон мебошанд ва ба идомаи таҳсили онҳо волидайни онҳо розӣ нестанд.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ба хатмкунандагони мактаби миёна аҳамияти иҷтимоии рушди шахсиятро фаҳмонида лозим аст, то ки онҳо моҳияти онро дарк мекунанд. Ин боиси пас аз хатми мактаб таҳсилро идома додани хонандагон мегардад.

Саволи дуюми пурсишнома оид ба хонандагон дар оянда кадом касбро интихоб карданӣ ҳастанд, оварда шуда буд. Натиҷаи пурсишнома ба саволи дуюм чунин буд:




*Расми 2.Натиҷаи назарсанҷии хонандагон доир ба интихоби касб*

Саволи сеюми пурсишнома нишон дод, ки кадом ҷанбаҳои касби оянда, донишҷӯёнро ба худ ҷалб мекунад. Посуххои зерин дода шуданд: нуфузи ин касб, сатҳи баланди маош, талабот ба ин касб дар бозори меҳнат, шавқу ҳавас ба касб, имкони фоида ба ҷомеа. Мусоҳибон имкон доштанд, ки якчанд ҷавобҳои мувофиқро интихоб кунанд. Натиҷаҳо дар расми 3. оварда шудаанд.




*Расми 3.Натиҷаи назарсанҷии хонандагон доир ба интихоби касб*

Таваҷҷӯҳ, яъне шавқу ҳавас ба ин касб ҷавоби маъмултарин буд, ки он 67,35 дар сади пурсидашудагонро фаро гирифт. 20,41 дар сади пурсидашудагон чунин мешуморанд, ки касби интихобкардаро имкони ба ҷомеа фоида расонидан медонанд. Оид ба эътимоднокӣ, яъне нуфузи касб барои 6,12 дар сади пурсидашудагон мувофиқ буд. Сатҳи баланди музди меҳнат, ки 2,04 дар сади хонандагон боварӣ доранд, ки онҳо метавонанд дар фаъолияти минбаъдаи худ сазовори маоши муносиб гарданд. Ва танҳо 4,08 фисади пурсидашудагон дар бораи талабот ба касби дилхоҳ дар бозори меҳнат фикр мекунанд, ки ин далели паст будани шавқу ҳаваси донишҷуён ба шуғли минбаъдаи вобаста ба касб ё интихоби беандешаи касб дар асоси мақсаду вазифаҳои нодуруст мебошад.

Бояд гуфт, ки ду сабаби асосии интихоби касб инҳоянд: маоши баланд ва таваҷҷӯҳ ба ин касб. Албатта, шавқу рағбат ба ин касб муҳим аст, зеро он дар ибтидо хонандаро ба касбу ихтисоси мушаххас ва дӯстдоштаи худ водор мекунад. Агар хонанда дар интихоби касб афзалият дошта бошад, ба рушди ҳамаҷонибаи он ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ манфиатдор аст ва дар натиҷаи интихоби касби худ метавонад ва ҷомеа манфиат орад.

Дар ҳамин ҳол, хонандагон дар бораи талаботи касби дилхоҳ дар бозори меҳнат ба таври

кофӣ фикр намекунанд. Ин бошад, талабагонро ба мутақобилият мегузорад: касбе, ки дар бозори меҳнат талабгор нест, маоши баланд дода наметавонад.

Саволҳои навбатии пурсишнома ба муайян намудани шавқу ҳаваси талабагон ба азхуд намудани касби дилхоҳ нигаронида шудаанд.

Саволи чоруми пурсишнома муайян кард, ки довталабон бештар ба кадом омил таваҷҷӯҳ доранд: ба донишҳои назариявӣ ё малакаҳои амалӣ дар касб? Натиҷаҳои ҷавобҳо дар расми 4 нишон дода шудааст.




***Расми 4.Натиҷаи пурсишнома доир ба муайянкунии таваҷҷӯҳи хонандагон ба назария ва амалияи касб***

Аз шумораи умумии пурсидашудагон 62,24 фисади пурсидашудагон дониши назариявиро интихоб кардаанд, 37,76 фисади пурсидашудагон бошад аз худ кардани малакаҳои амалиро барои касбиояндаи худ зарур мешуморанд, интихоб намуданд.

Бояд қайд намуд, ки хонандагоне, ки нияти хондан, азхуд кардани касб доранд, дар бораи зарурияти машгулиятҳои амалӣ маълумоти кофӣ надоранд. Инро ба назар гирифта, дар бораи суст будани мавқеъи талабагон ҷиҳати самти амалии касби дилхоҳ сухан рондан мумкин аст. Дар асоси ин, метавон хулоса кард, ки довталабон ба омӯзиши амалия таваҷҷӯҳи хоса надоранд. Вазифаи муассисаи таълимӣ дар ташаккул ва инкишофи шавқу рағбат нисбати таълими ба амалия нигаронидашуда муҳим арзёбӣ мегардад.

Саволи панҷум ва охирини пурсишнома чунин буд: «Ба фикри Шумо гирифтани таҳсилоти касбӣ аз ҷиҳати мазмуни он бояд чӣ гуна бошад?» Пурсидашудагон танҳо як ҷавобро интихоб карда метавонистанд. Натиҷаҳои ҷавобҳо дар расми 5 нишон дода шудааст.




***Расми 5.Натиҷаи пурсиши хонандагон доир ба мазмуни таҳсилоти касбӣ***

Аз расм дидан мумкин аст, ки барои 39,8 дар сад пурсидашудагон муҳим нест он чӣ гуна бошад, аммо ба гирифтани маълумоти касбӣ шавқманд мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки шавқу рағбати хонанда дар раванди омӯзиш нақши муҳим дорад. 37,7 % пурсидашудагон чунин мешуморанд, ки он бояд аз ҷиҳати мазмун манфиатовар мебошад. 2,04 % шумораи пурсидашудагон аз муҳим будани мувофиқатии мундариҷаи таълим бо талаботи замони муосирро шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, танҳо 4,08 % пурсидашудагон дар бораи аз ҷиҳати мазмун дастрас будани дониши касбӣ фикр мекунанд. Аз ҷиҳати мазмун гирифтани маълумоти касбиро 16,33 % пурсидашудагон аз илмияти мундариҷаи он меҳисобанд.

Умуман, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи мо байни хонандагони мактабҳои миёна, таҳсилоти умумӣ аз рӯи омодагии онҳо ба таҳсилоти касбӣ тамоюлҳои зеринро муайян кардан мумкин аст:

- Аксарияти куллии хонандагон хоҳиши гирифтани таълими касбӣ доранд.
- Хонандагон нияти ба ҷамъият манфиат расонидан ва ҳам шавқу ҳавас ба ин касби интихобкардаашонро доранд.
- Дар баробари ин, довталабон бештар ба гирифтани донишҳои назариявии касб таваҷҷӯҳ доранд, на малакаҳои амалӣ.
- Ба ақидаи аксари хонандагон гирифтани таҳсилоти олӣ бояд манфиатовар бошад, инчунин ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад [1].

Дар ин маврид дарк накардани нақши таълими ба амалия нигаронидашуда дар раванди таълими умумии хонандагон ҳам аз ҷониби муассисаи таълимӣ ва ҳам аз ҷониби худи хонандагон масъалаи мубрам ҳисобида мешавад.

Дар ин самти ташаккули тасаввуроти хатмкунандагон оид ба таҳсилоти касбӣ муҳим арзёбӣ гардида, нақши муассисаҳои таълимӣ низ калон аст. Дар ин хусус бояд омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бобати интихоби дурусти касб ва оянда фаъолияти меҳнатӣ бо хатмкунандагони мактабҳои миёна сӯҳбат ороста, ҷиҳатҳои мусбии касбҳоро фаҳмонанд. Хатмкунандагон, ки дар ҳолати интихоби касб ваояндаи хеш мебошанд, хусусиятҳо, нозукиҳо, ҷиҳатҳои мусбӣ ва мазмуни касбҳоро бояд дарк кунанд. Зеро интихоби нодурусти касб метавонад дар оянда онҳоро ба пастӣ ё ки саргардониҳо расонад. Дар охир пешниҳод карда мешавад, ки оид ба интихоби дурусти касб омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бо хатмкунандагон бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд. Хатмкунандагон бояд: барои интихоби касб шитоб накунанд; тафаккури зеҳнии худро оқилона истифода баранд; бояд чунин касбро интихоб намоянд, ки он муосир ва ба ҷамъият манфиатовар бошад. Барои ин хатмкунандагонро зарур аст, ки бо мутахассисони соҳаҳои пешрафти илм ва ҷомеа машварат намоянд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Васильев, Ю.К. Критерии и показатели эффективности трудовой подготовки школьников / Ю.К. Васильев, А.Я Куркина, И.И. Зарецкая и др.//Методические рекомендации. – М: - 1999.
2. Романенко, И.Н. Некоторые аспекты готовности учащихся общеобразовательной школы к профессиональному образованию / И.Н. Романенко. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2009. - № 3 (3).
3. https://moluch.ru/archive/3/232/.
4. https://spravochnick.ru/pedagogika/formirovanie_gotovnosti_obuchayuschihsya_k_vyboru_professii/.
5. https://eduportal44.ru/BuyR/ChBor/20212022/Методическая/копилка/Пособие/Критерии/готовности/школьников/к/проф/самоопределению.pdf.

## REFERENCES:

1. Vasiliev, Yu.K. Criteria and indicators of the effectiveness of labor training of schoolchildren / Vasiliev, Yu.K, A.Ya Kurkina, I.I. Zaretskaya // Methodical recommendations. - M: - 1999.
2. Romanenko, I.N. Some aspects of the readiness of secondary school students for vocational education / I.N. Romanenko. - Text: direct // Young scientist. - 2009. - No. 3 (3).
3. https://moluch.ru/archive/3/232/.
4.https://spravochnick.ru/pedagogika/formirovanie_gotovnosti_obuchayuschihsya_kvyboru_professii/.
5.https://eduportal44.ru/BuyR/ChBor/20212022/Методическая/копилка/Пособие/Критерии/готовности/школьников/к/проф/самоопределению.pdf.